## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии ҶумҳурииТоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).**

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисин дар баробари забони тоҷикӣ ва забони русӣ - забони муоширати байналмиллалӣ, инчунин забонҳои аврупоӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) ва осиёӣ (арабӣ, ҷопонӣ, чинӣ, куриёӣ)-ро медонанд. Дар радифи забони модарӣ донистани дигар забонҳо ба мутахассисин имконият медиҳад, ки онҳо натанҳо бо фарҳанги халқҳои гуногун ошно гарданд, инчунин зебоӣ ва хусусияти фарҳанги худро дарк намоянд.

Аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи Султонова С.А. дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди таълим татбиқ гардондани маҷмуаи таълими-методии «Забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» дар асоси методи таълими кредитӣ-амсилавӣ ба таъмини давра ба давраи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити бисёрэтникии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ зимни ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассисони оянда, иҷрои интихоби шаклҳо ва технологияҳои гуногуни инфиродикунонӣ ва ҷудосозии таълим мусоидат намудааст.

Ҳадафи таҳқиқот аз коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ иборат аст.

Объекти таҳқиқотро раванди инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии таъминкунандаи таълими тамоюли касбии забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқот ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ мебошад.

Бо назардошти мақсад, объект, предмет ва фарзияи илмӣ вазифаҳои рисолаи таҳқиқотӣ муайян карда шудаанд. Мазмуни диссертатсия, хулосаҳои баёнгардида оид ба натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд хулоса намоем, ки мақсади гузоштащудаи муаллиф амалӣ гашта, фарзия ҳалли мусбии худро ёфтааст.

Аз таҳлили кори таҷрибавӣ-озмоишии унвонҷӯ маълум гардидааст, ки кори мақсаднок оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар асоси модели таҳиякарда шуда бо татбиқи шароитҳои педагогии ҷудокардашуда бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи дараҷаҳои ташаккули маҳоратҳои мавриди таҳқиқро дар мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ таъмин мекунад.

Таҳқиқоти Султонова С.А. натиҷабахшии модели коркардшудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникиро тасдиқ кардааст, ки он мақсад, принсипҳо; мундарича; шаклҳо ва методҳо (гуфтугӯӣ, коммуникативӣ, эвристӣ, бозигӣ, методҳои лоиҳаҳо, моделсозӣ), давраҳои асосӣ (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ); натиҷаҳо (дараҷаҳои ташаккули муошират: эҷодӣ, маҳсулнок, бемаҳсул)-ро фаро мегирад. Аҳамиятнокии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар муҳити бисёрэтникӣ бо он муайян карда мешавад, ки тамоюлҳои дидактикаи мактаби олӣ барои рушди комили шахсияти толибилм ва омодагӣ барои кори ракобатпазир дар ҳолатҳои зудҳаракатии байналмиллалӣ ва ҳамгироӣ равшан мебошанд.

Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Дар автореферат камбудиҳои зерин ба назар расиданд:

1. Дар матни руссии автореферат баъзе хатоҳои услуби мавҷуд аст.

2. Сифати таҳқиқоти илмӣ метавонад тавассути тавсеаи пойгоҳи тадқиқотӣ ба воя расонида шавад.

Лекин камбудиҳои дар автореферат нишондода шуда арзиши рисолаи илмиро паст намекунад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Автореферат мазмуни рисоларо пурра инъикос мекунад ва муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Мудири кафедраи забони англисии
Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ Рахманова М.Дж.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Турсунзаде 30
Тел.: (+992) 901-11-54-45
E-mail: mavjik_rahmonova-76@mail.ru

Имзои Рахманова М.Дж.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо
Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон Давлатов Х.Х.

ОТДЕЛ КАДРОВ